«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ________________
аз «_01_» ____07____ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Қодирзода С.М. унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Қодирзода С.М. соли 2001 ба ихтисоси ҳуқуқшиноси факултети ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2006 хатм намуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 6.03.2014 №128-05, ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании донишгоҳи мазкур қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 28-уми июни соли 2015, қарори №10 (28-29) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло мебошад.

Диссертатсияи Қодирзода С.М. дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маданӣ аз «27» феврали соли 2026, №07 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносономаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи довталаб Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи

хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуки маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ комилан, мутобиқат дорад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мавзӯи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи амалишавии нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории муассисаи таҳсилоти олии дахлдор барои солҳои 2019–2025 анҷом ёфта, ба омӯзиши масъалаҳои мубрами такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ, ҳифзи ҳуқуку манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти мол, инчунин мутобиқсозии қонунгузории мадани ба талаботи рушди иқтисоди бозорӣ ва равандҳои муосири технологиявӣ равона гардидааст.

Мавзуи таҳқиқ бо самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ ва рушди устувори муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи мустақим дорад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Маводди нашрнамудаи диссертант масъалаҳои умда ва асосии таҳқиқот, аз ҷумла ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба танзими ҳуқуқии шарт вобаста ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш, натиҷаҳои муҳим, инчунин мундариҷаи комили диссертатсия ва автореферартро инъикос менамоянд. Интишороти илмӣ, дар ҳамбастагӣ бо суханрониҳои илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, саҳми шахсии муаллифро дар таҳлили мукаммали масъала, асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ ба таври равшан бозгӯӣ ва шарҳу тафсир менамоянд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии бадастоварда дар он зоҳир мегардад, ки онҳо метавонанд ҳамчун маводи омӯзишӣ ва методӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар самти ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, назарияи ӯҳдадориҳо ва танзими шартномавии муносибатҳои молумулкӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таҳия ва такмили шартномаҳои хариду фурӯш, омода намудани дастурҳои методӣ ва маводи машваратӣ барои ҳуқуқшиносон, соҳибкорон ва кормандони мақомоти дахлдор, инчунин ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, корҳои дипломӣ, рисолаҳои магистрӣ ва диссертатсияҳои номзадиву докторӣ қобили татбиқ мебошанд.

Илова бар ин, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ метавонанд дар фаъолияти судӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста ба сифати мол, дар таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи ҳуқуқ истифода гарданд, ки мавҷудияти имконияти воқеии татбиқи натиҷаҳои илмиро тасдиқ менамояд.

**Саҳми довталаби дараҷаи илмӣ** дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш-ро бори аввал ба таври низомманд ва мукаммал аз мавқеи ҳуқуқи гражданӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф мафҳум, моҳият ва аҳамияти ҳуқуқии шарти сифати молро муайян намуда, нақш ва ҷойгоҳи онро дар таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавии тарафҳо асоснок кардааст.

Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариявии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар таҳияи барномаи таҳқиқот, интихоби усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, омӯзиши амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳлили натиҷаҳо ва коркарду асосноккунии хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ ба таври возеҳ ифода меёбад.

Диссертатсияи Қодирзода С.М. дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар ӯҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи диссертатсияи пешниҳодшаванда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,06 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

\

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Қодирзода С.М. Соотношение условия о качестве товара с иными условиями гражданско-правовых договоров по отчуждению имущества [Матн] / С. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2017. – №2/6. – С.208-215.

[2-М]. Қодирзода С.М. Условия о качестве товара при исполнении гражданско-правовых договоров [Матн] / С. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2017. – №2/9. – С.257-262.

[3-М]. Қодирзода С.М. Масъалаҳои асосии сифати мол ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш [Матн] / С. М. Қодиров // Ахбори ДДҲБСТ: маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд, 2019. – С.109-117. (Ихтисос: 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; раванди маъмурӣ).

[4-М]. Қодирзода С.М. Шартномаҳои ҳуқуқи мадании вобаста ба бегона кардани амвол [Матн] / С. Қодирзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №4 (52). – С.122-125.

[5-М]. Ғаюров, Ш., Қодирзода, С. Таносуби шартҳо оид ба сифати мол бо дигар шартҳо дар ҳуқуқи маданӣ [Матн] / Ш. Ғаюров, С. Қодирзода // Вестник педагогического университета. Серия: Философия, право и политические науки. – Душанбе, 2025. – С.63-68.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ нашр гардидаанд:**

[6-М]. Қодирзода С.М. Масъалаҳои сифати мол дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантон ва донишҷӯён, бахшида ба 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 24-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва 70-солагии Ғалаба дар ҶБВ. – Данғара, 2015. – С.140-145.

[7-М]. Қодирзода С.М. Масъалаҳои сифати мол дар танзими ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ, бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва «Соли рушди зеҳн». – Данғара, 2016. – С.103-109.

[8-М]. Қодирзода С.М. Нақши сифати мол дар иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии

илмӣ-назариявӣ, бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва «Соли рушди зеҳн». – Данғара, 2016. – С.171-176.

[9-М]. Қодирзода С.М. Танзими ҳуқуқии сифати мол дар шартномаҳои граждании [Матн] / С. М. Қодиров // Ҳафтаи илм: Маводди конференсияи умумидонишгоҳии илмӣ-амалӣ, бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ (17-22 апрели 2017). – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С.248-253.

[10-М]. Қодирзода С.М. Шартҳои сифати мол дар муносибатҳои шартномавӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Ҳафтаи илм: Маводди конференсияи умумидонишгоҳии илмӣ-амалӣ, бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ (17-22 апрели 2017). – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С.253-261.

[11-М]. Қодирзода С.М. Нақши таъмини сифати мол дар танзими ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои муҳими ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С.174-178.

[12-М]. Қодирзода С.М. Сифати мол ва маҳсулот дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. М. Қодиров // Маводди конференсияи илмӣ-назариявӣ «Маърифати ҳуқуқӣ - омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд» (бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ»). – Данғара, 2024. – С.174-178.

[13-М]. Қодирзода С.М. Оқибатҳои ҳуқуқии иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба моли босифат [Матн] / С. М. Қодирзода // Маводди конференсияи илмӣ-назариявӣ «Маърифати ҳуқуқӣ - омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд». – Данғара, 2024. – С.92-95.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи « 27 » феврали соли 2026, №07 гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ. Б.

**Котиби ҷаласа:**

Мудири кабинети таълимии кафедра Саидов Ш. У.

Имзои Қурбонов Қ. Б. ва Саидов Ш. У-ро

тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати

кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

«27» 02 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,

хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тел.: 2217711, факс: 2271510

Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj